**Протоколи № 2**

чаласаи кафедраи идоракунии иктисодиёт ва маркетинги МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Бобочон Ғафуров"

аз таърихи 30-юми сентябри соли 2022

**Иштирок доштанд:** Раиси чаласа - Сатторова М.Р. - мудири кафедраи идоракунии иктисодиёт ва маркетинг, номзади илмҳои иктисодӣ, дотсент, аъзоён: Қодиров А.Л. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Сайдуллоева Д.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Қодирова Г.А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Ҳусейнова М.В. - номзади илмҳои иктисодӣ, дотсент, Пӯлодова Х.Ш.- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ишанова С.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Бегматова С.А. - сармуаллима, Ҳотамов А.Р. - сармуаллим, Ҳошимова Ф.С. - ассисент, Урмончонова Н.Б. - ассисент, Абдумаликова М.А. - ассисент.

**Рӯзнома:**

Муҳокимаи диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт.

**Роҳбари илмӣ:** А.Л. Қодиров - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги факултети иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии

"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро гардид.

Мавзӯи рисола дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" №11 аз санаи 2 - юми июли соли 2018 тасдиқ гардидааст.

**Шунида шуд:**

Ҷаласаро мудири кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг, дотсент Сатторова М.Р. оғоз карда, арз намуд, ки унвонҷӯ Сабуров И.М. рисолаи хешро барои муҳокима ба кафедра манзур намудааст. Мо барои муҳокимаи диссертатсия онро қаблан ба устодон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳусейнова М.В. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сайдуллоева Д.К. супорида будем.

**Соҳаи тадқиқот.** Тадқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.09 – «Медодҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт» мувофиқат мекунанд: банди 1.4. Таҳия ва тадқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳододани миқдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; банди 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра. Тибқи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои шинос кардани ҳозирин бо муҳтавои кор сухан ба унвонҷӯй Сабуров И. дода мешавад.

Унвонҷӯ Сабуров И.М. доир ба мазмуну муҳтавои диссертатсия иштирокдорони ҷаласаро ошно сохта, қайд кард, ки диссертатсияи манзури муҳокима аз муқаддима, се боб, хулоса, замима ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 175 саҳифаи чопии компютериро фарогир мебошад.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва ҳадафи тадқиқот, асоси методологӣ ва назариявии рисолаи тадқиқотӣ, методҳои тадқиқот, аҳамияти назариявию амалии он, маводи тадқиқот, гузориши натиҷаҳои он қарор гирифтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия –"Асосҳои назариявӣ ва методологии амсиласозии маҷмааи сайёҳӣ" моҳияти мафҳум ва махсусияти сайёҳӣ муайян ва асоснок гардида, марҳилаҳои рушди сайёҳӣ ва махсусиятҳои он мавриди таҳқиқ ва хулосабардорӣ қарор дода шудааст. Бо тақозои вазифаҳои тадқиқоти диссертатсиони таҳлили амсилаҳои асосии рушди маҷмааи сайёҳӣ, таснифи амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ гузаронида ва арзёбӣ шуд.

Дар боби дувуми диссертатсия – "Амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ" - меъёрҳои иқтисодии оптималигардонии рушди маҷмааи сайёҳӣ барои амсиласозии математики асоснок муайан карда шудааст. Тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди соҳаи сайёҳи коркард шуда, амсилаи зина ба зинаи ташаккул ва рушди маҷмааи сайёҳии таҳия гардида, пешкаш шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия - "Амсиласозии рушди комплекси сайёҳии вилояти Суғд"- нишондиҳандаҳои рушди комплекси сайёҳии вилояти Суғд барои таҳқиқ ҷамъ оварда шудааст. Истифодаи амсилаи математикии иқтисодии пешниҳодшуда ва алгоритми татбиқи он дар оптимиалӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд ва самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ пешкаш шудааст.

Дар қисми хулосаи диссертатсия дар асоси таҳқиқоти доираи рисолаи диссертатсионӣ ба такмили моделсозии рушди соҳаи сайёҳӣ ва амалияи он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ гузаронидашуда хулоса ва пешниҳодҳо ифода шудааст.

Пас аз суханронии унвонҷӯ суолу ҷавоб сурат гирифт.

**Дотсент Сайдуллоева Д.К.:**

1. Фарқи байни амсилаҳои динамикӣ ва статикӣ дар чист?

2. Афзалиятҳои амсилаҳои динамикиро номбар кунед?

**Сармуаллим Ҳотамов А.Р.:**

1. Вазъи соҳаи сайёҳии вилояти Суғдро чӣ хел баҳо медиҳед?

2. Самаранокии истифодабарии амсилаҳои динамикӣ дар вилояти Суғдро чӣ гуна арзёбӣ мекунед.

**Дотсент Ҳусейнова М.В.:**

1. Ҳадафи асосии таҳлили самти сайёҳӣ чӣ муҳимият дорад?

**Дотсент Пӯлодова Х.Ш.:**

1. Мақсади асосии кор дар чист?

Унвонҷӯ Сабуров И.М. ба саволҳо пурра ҷавоб дод.

Баъд аз баромади унвонҷӯ, роҳбари илмӣ Қодиров А.Л. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор қайд кард, ки диссертатсия кори ба анҷомрасида буда, вазифаҳо иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, хоҳиш карда шуд, ки пешниҳоди рисола ба марҳилаи минбаъдаи баррасӣ дастгирӣ карда шавад.

Дотсентон Ҳусейнова М.В., Сайдуллоева Д.К. ва Пӯлодова Х.Ш. ба диссертатсияи мазкур баҳои мусбат доданд.

Дар муҳокима дотсентон Қодирова Г.А. ва Ишанова С.С. иштирок намуда, унвонҷӯро дастгирӣ намуданд.

Дотсент Сатторова М.Р. муҳокимаро ҷамъбаст намуда, ҷараёни овоздиҳӣ барои пешниҳоди рисолаи мазкур ба Шурои олимони факултет барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09. - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) гузаронида шуд.

Иштирок намуданд:

Ҳамагӣ -12 нафар

Тарафдор - 12 нафар

Зид - нест

Бетараф – нест.

Дар асоси баромади унвонҷӯ Сабуров И.М. саволу ҷавоб, баромади роҳбари илмӣ, устодони кафедра ва натиҷаи овоздиҳӣ дар ҷаласаи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг чунин қарор қабул гардид.

**ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Рисолаи мазкур ба Шурои олимони факултет барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09. - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедраи идоракунии<br>иқтисодиёт ва маркетинги МДТ<br>"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд<br>ба номи академик Бобоҷон Ғафуров",<br>н.и.и., дотсент _______________ **Сатторова М.Р.**

Котиби маҷлис,<br>коргузори кафедраи идоракунии<br>иқтисодиёт ва маркетинги МДТ<br>"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд<br>ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" _______________ **Охунҷонова З.И.**

Имзоҳои Сатторова М.Р ва Охунҷонова З.И.-ро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо ва<br>корҳои махсуси раёсати МДТ<br>"ДДХ ба номи академик. Б. Ғафуров" _______________ **Наврӯзов Э.М.**